# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)» аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.

Дар флораи Тоҷикистон мавҷудияти даҳҳо моддаҳои хусусияти доругӣ доштаро, ба монанди адонизид, дигоксин, дигитоксин, кордигит, коргликон, фламин ва ғайра, ки дар таҷрибаи дорусозӣ маъмул аст ва аз манбаъҳои табиии ватанӣ ба даст овардан мумкин аст, зикр шудааст.

Ба замми ҳамаи ин, таҳқиқоти густардаи растаниҳои доругии фармакопеявии ватанӣ аҳаммияти илмию амалӣ доранд, зеро қисми зиёди онҳо аз рӯйи арзёбии фармакопеяҳои Федератсияи Русия таҳқиқи мушаххаси илмӣ нашудаанд. Таҳқиқоти ҷудогона аксаран бартариятнокии моддаҳои фаъоли биологии (МФБ) онҳо дар нисбати ҳамнавъони фармакопеявии аз дигар минтақаҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ тавсияшавандаро нишон медиҳад. Аммо дар баробари ҳамаи ин растаниҳои фармакопеявии маъмулӣ қисми зиёди растаниҳои табобатии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқи фармакогностӣ нашудаанд ва дар ягон фармакопея шомил нестанд. Аз ин рӯ, омӯзиши васеи онҳо яке аз масъалаҳои умдаи дорусозии ватанӣ ба шумор меравад.

Бо мақсади истифодабарии самарноки растаниҳои доругӣ, ки захираи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят зиёд аст, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №569 «Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул карда шудааст. Тибқи ин барнома, истеҳсоли дору бо истифода аз ашёи хоми растаниҳои доругӣ (АХРД)-и ватанӣ дар мадди аввал меистад.

Аз ин лиҳоз, таҳияи доруҳои нави гиёҳҳои шифобахши ватанӣ барои истифода муносиб ва ҳангоми нигоҳдорӣ устувор яке аз масъалаҳои умдаи дорусозии муосир ба шумор меравад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад: муайян карда шудааст, ки экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор имконпазир буда, шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* муқаррар карда шудаанд. Таҳқиқи хромотографӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба *U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва *U.dioica*, ки дар дигар кишварҳо омӯхта шудааст гузаронида шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект оид ба муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шудааст.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химия, биохимия ва дорусозӣ, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз

таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.*)*», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори
кафедраи химияи фарматсевтӣ ва ИИФ
факултети фарматсевтии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Н.Б.

Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи 50-солагии Тоҷкистон, бинои 23\1 хонаи 57
Тел.: (+992) 918671013,
E-mail: narzullos@mail.ru

Имзои д.и.фарматсевтӣ, профессор Саидзода Назруллоҳ Бобоΐо тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992)-37-221-78-11
E-mail: iintnu@ mail.ru.

«18» 12 2025